Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи: "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон ба бандҳои дар зер овардашудаи Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат менамояд:

- банди 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ;
- банди 3. Қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир;
- банди 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;
- банди 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.);
- банди 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ;
- банди 9. Ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак;
- банди 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ;
- банди 17. Принсипҳои назариявӣ, методологӣ ва методии ташаккул ва рушди фарҳанги соҳибкорӣ, меъёрҳои ахлоқии соҳибкорӣ;
- банди 21. Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисод;

- банди 22. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ; самтҳои асосии ташаккули низоми идоракунии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосири трансформатсионӣ муҳайё сохтани имкониятҳои муосири рушд дар асоси истифодаи самараноки заминаи иқтидорҳои дохилӣ ва фароҳам овардани шароиту имтиёзҳо ба сохторҳои воқеии иқтисодӣ, хусусан дар бахши соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ, ки маҳаки механизми рушди устувор маҳсуб меёбад, тақозо менамояд. Ҳамзамон, рушди шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, боиси афзудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар такмили муносибатҳои бозорӣ ва нақши он барои ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар гардид.

Дар Тоҷикистон пайгирии доимии тамоюлҳои ба рушд нигаронидашуда тавассути истифодаи иқтидори бахши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун ҳадафи олӣ дар маркази диққати Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дода шуда, дастгирии онро асоси пешрафт меҳисобад. Дар ин раванд, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди иқтидори истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва гуногуншаклии истеҳсолоти саноатӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ бо назардошти таъмини рушди маҷмааҳои соҳавӣ зарур ҳисобида мешавад. Аз таҳлили комплексии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодёти Тоҷикистон бар меояд, ки самтҳои имконпазирӣ аз нав кор карда баровардани маҳсулоти саноатӣ, истеҳсоли молҳои содиротӣ ва ивазкунандаи воридот ба талаботи имрӯза пурра ҷавобгӯ намебошад. Бо назардошти ин зарурати дигаргун сохтани таносуби содирот ва воридоти молҳои истеъмолӣ, афзоиш додани истеҳсолоти молҳои содиротиву молҳои воридотивазкунанда ва таъмини амнияти иқтисодии кишварро тақозо намуда, пешниҳоди самтҳои афзалиятнок инкишоф додани соҳибкории истеҳсолиро дар заминаи аввал мегузорад.

Дар асоси таҳқиқ муайян намудем, ки дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва арзёбии имконияту иқтидори бахши соҳибкории истеҳсолӣ зарурияти тағйир додани вазъи босамари иқтисодиёт, аниқ кардани механизмҳои воқеан таъсиррасони институтсионалӣ зарур дониста шуда, пешбурди таҳқиқоти илмиро бо мақсади рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноати истихроҷу коркард, ҳамзамон, комплекси агросаноатӣ ва

муайяннамоии самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиётро дар Тоҷикистон тақозо менамояд.

Аз тарафи дигар, таҷрибаи хориҷии давлатҳо гувоҳӣ медиҳад, ки баланд бардоштани самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ беҳдошти фаъолияти корхонаҳоро таъмин намуда, омили муҳими рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мегардад. Мутаасифона, на ҳама ҷонибҳои пешниҳоди самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд ва гузаронидани таҳқиқоти ҷадидро тақозо менамояд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд кардан ба маврид аст, ки дар мубрамии мавзуи диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон ягон шубҳа нест ва он метавонад, ки дар амалӣ шудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти муосир аҳаммияти назарраси илмӣ, методологӣ ва амалиро дошта бошад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда

Навгонии илмии кори диссертатсионӣ дар омӯзиши равишҳои назариявӣ, методологӣ, амалӣ ва арзёбии гуногуни зарурият ва мавҷудияти бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, як қатор масъалаҳои мубрам, равишҳои наву имкониятҳои монанд ба он мавриди баррасӣ қарор гирифта шаванд, дар бар мегирад. Ҳамчун, натиҷаҳои муҳимтарини кор, ки навгониҳои илмӣ доранд, чунин нуқтаҳо қайд карда мешаванд:

1. Дар асоси таҳқиқи ҳаматарафа дар диссертатсия моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ ошкор карда шуда, таснифоти намудҳо ва шаклҳои соҳибкории муосир ҳамчун омезиши самараноки омилҳои инноватсионии истеҳсолот барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ба даст овардани рақобаттавонии корхонаҳо гузаронида шуда, нақши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили афзалиятноки рушди муносибатҳои бозорӣ ва амалигардонии мақсадҳои миллии рушди кишвар асоснок гардидааст.

2. Дар диссертатсия арзёбии ошкоркунии рафтори девиантӣ, ҳамзамон дигар рафтори имконпазири дуршавии субъектҳои соҳибкорӣ муқаррароти алоҳидаи назарияи иқтисодии соҳибкорӣ дар шароити бозорӣ, принсипҳои рушди стратегии кишвар бо назардошти бартарии хароҷоти транзаксионӣ, ба истилоҳ фидусиарӣ ва мутобиқшавӣ ба низоми бозор рушд карда, таҳия карда шудаанд. Ҳамзамон, дар рафти баррасӣ ва арзёбӣ исбот шудааст, ки тавсеаи амалияи банақшагирии индикативӣ ҳамчун яке аз механизмҳои асосӣ дар сатҳи рушди иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, пайгирии доимии ҳадафҳои ба

рушд нигаронидашуда нисбат ба соҳибкории истеҳсолӣ, ки таъсири он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зиёд мебошад, бо назардошти имкониятҳои ҷорӣ ва мавҷуда шароити мусоид фароҳам месозад.

3. Методологияи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва самтҳои афзалиятноки он дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки рушди сифатӣ ва миқдории ин фаъолиятро дар иқтисодиёти миллӣ тавсиф мекунанд, асоснок ва пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф равиши мазкур имкон медиҳад, ки субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси меъёрҳои пешниҳодшуда гурӯҳбандӣ карда шуда, самтҳои афзалиятноки рушди он ҳамчун "қутбҳои институтсионалии рушд"-и иқтисодиёти миллӣ ошкор карда шаванд.

4. Дар алоқамандӣ бо равишҳои институтсионалӣ, зарурияти масъалаи баррасишаванда, дарки равандҳои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ дар диссертатсия аз нуқтаи назари омилӣ муайян карда шуда, барои қоҳиши вобастагӣ аз муҳити беруна дар самти воридот ва ҳамзамон, баланд бардоштани нерӯи содиротӣ, истифодаи имкониятҳоро дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт - саноат ва кишоварзӣ тақозо намуда, дар ин замина, зарурияти рушди имконияту иқтидорҳои дохилӣ дар коркарди ашёи хом, ба маҳсулоти тайёр мубаддал намудани он, ба инобат гирифтани қоҳиши вобастагӣ аз воридот, афзоиши ҳаҷми содирот, дар маҳалҳо рушд додани истеҳсолоти илмталаб, бартараф намудани маҳдудиятҳои ба соҳаи кишоварзии ватанӣ хосбуда, қонеъ гардонидани талаботи зиёд ба захираҳои минералии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хом ва сохтани истеҳсолоти пурраи содиротӣ дар асоси кластерҳои истеҳсолӣ асоснок ва исбот карда шуд.

5. Дар асоси арзёбии методологияи таснифи соҳаи саноати коркард вобаста ба сатҳи рушди технология таҳлил гузаронида шуда, муайян карда шуд, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, дар соҳаҳои пасти технологӣ (36,4%) мутамарказ гардида, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд дар фаъолияти онҳо 2,6 фоиз, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст бошад 21,9 фоизро ташкил медиҳанд, ки ин зарурати истифодаи тадбирҳои ҳавасмандгардониро барои мутамарказонидании фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои миёнаи технологӣ ба миён меорад, то онҳо аввал дар соҳаи мазкур ва баъдан дар содироти кишвар бартарӣ дошта бошанд.

6. Дар диссертатсия вижагиҳои соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ ошкор ва асоснок карда шуданд. Ҳамзамон, дар сатҳи нокифоя қарор доштани имкониятҳои истеҳсолӣ вобаста ба қитъаи замин, мавҷудияти маҳдудиятҳо дар асоси норасогиҳои ҷойдошта, сатҳи нокифояи дастрасӣ ба

сарчашмаҳои молиявию қарзӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо, тағйирёбандагиҳои иқлимӣ ва сатҳи таъсирасонии онҳо, баланд будани шиддати хавф дар истеҳсолот, ки дастгирии давлатӣ ва суғуртакуниро тақозо менамояд, гуногунии хоҷагиҳо вобаста ба шакли ҳуқуқии он ва масъалаҳои дигар, ки ба шароити хок ва иқлим вобаста аст, ҷой дорад.

7. Вобаста ба амалисозии ҳадафҳои миллӣ, алалхусус, саноатикунонии босуръат афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ асоснок карда шуд, ки рушди минбаъдаи он дар кишвар ҳам бо афзоиши иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ва ҳам зарурати диверсификатсияи соҳавию бахшии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар сатҳи он муҳити рақобатпазирӣ авлавият дорад, алоқаманд аст.

8. Дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар сатҳи институтсионалӣ вобаста ба баназаргирӣ ва таҳияи барномаҳою стратегияҳои соҳавӣ, ки бевосита ба рушди доимии соҳаи саноати кишвар боназардошти арзёбии омилҳои соҳибкорӣ ҷиҳати баланд бардоштани мавқеъ ва нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ равона карда шудааст, муайян карда шуда, самтҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ, асоснок карда шуданд. Дар робита ба ин, масъалаҳои мубрами дастгирии бахши соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба он, ҳамчун масъалаи калидие ҳисобида шудааст, ки пайгирии он бояд раванди доимӣ ва доманадор бошад.

Асоснокии ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Дар маҷму диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти ба анҷомрасонидашуда пурра мувофиқат мекунад. Дар диссертатсия методология ва амалияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон ба таври мантиқӣ ва системавӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ, методология ва амалияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистонро таҳлил намуда, дар ин асос ҷиҳати мукаммал гардондани он хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас таҳия намудааст.

Истифодабарии пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии ба анҷомрасонидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳисоботҳои корхонаҳо ва соҳибкорони истеҳсолӣ истифода бурда шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии назариявӣ, методология ва амалияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон зоҳир мешавад. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи мукаммал ва пешниҳод намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи сиёсати ташкилию иқтисодии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои пешниҳоди самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон коркард шуда, муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ баланд бардошта шавад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар корхонаҳои ватанӣ ба кор бурда шаванд.

Аз таҳлили диссертатсия бар мерояд, ки баъзе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар пешниҳоди самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат, магистратура ва докторантура дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода мешаванд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон таъсири мусбӣ расонда, ташкили дурусти натиҷаҳои молиявӣ ва самаранокии қабули қарорҳои идоракуниро аз тарафи роҳбарияти соҳибкории истеҳсолӣ таъмин намоянд.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон, ҷиҳати ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ имконият медиҳад ва барои баланд бардоштани сифати кору паст гардидани арзиши аслии маҳсулоти ватанӣ таъсири мусбат расонад. Ҳамзамон, натиҷаҳо барои ҳаллу фасли масоили шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, паст шудани сатҳи камбизоатӣ имконият фароҳам оваранд.

Хулоса ва сохтори диссертатсия

Диссертатсияи таҳқиқшаванда аз муқаддимаю панҷ боб, 14 зербоб, хулосаву пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ки 304 номгӯйро дар

бар мегирад, иборат буда, дар 351 саҳифаи матни компютерӣ таҳия карда шуда, инчунин 36 ҷадвал, 8 расм ва 9 диаграммаро низ дар бар мегирад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 41 корҳои илмӣ, аз онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 монография ба нашр расонида шудааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Субҳонзода Икром Субҳон мутахассиси варзида дар соҳаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосир буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самтро доро мебошад ва кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии докторант мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни рисолаи иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил ва пешбурди кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди масоили илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар омӯзиш ва ҷамъбасти маълумот, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва илмию амалӣ оид ба методология ва амалияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосир ва хусусиятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон муайян, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили методология ва амалияи он таҳия шудаанд. Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию

назариявӣ ва илмию амалии сатҳҳои гуногун ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми бозории хоҷагидорӣ» (саҳ. 24-94) довталаби дараҷаи илмӣ масъалаҳои назариявии соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми муносибатҳои бозорӣ, таснифоти намудҳо ва шаклҳои ин фаъолиятро дар шароити муосир омухта, ҳамзамон, равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мавриди таҳқиқи пурра қарор додааст.

Дар зербоби аввали ин боб, дар асоси омӯзиши адабиётҳо равишҳои назариявӣ ва методии соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми муносибатҳои бозорӣ ба анҷом расонида шудааст. Ҳамзамон, диққати асосӣ ба таснифи таърифоти вожаи «соҳибкорӣ» аз мавқеи хронологӣ (саҳ.33-34), арзёбии андешҳои ҳадафманди олимони ватанӣ (саҳ.34-35), инноватсияҳо ҳамчун олоти махсуси соҳибкорӣ хизмат мекунанд (саҳ.36), муракаббии хусусиятҳо ва дигар ҷузъиёти фаъолияти соҳибкорӣ (саҳ.38), дар амал татбиқ намудани мушаххасоти дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ (саҳ.39) ва муҳити берунии соҳибкорӣ (саҳ.40), таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ ва принсипҳои рушди он дар кишварҳои хориҷӣ (саҳ.41-43), танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ (саҳ.44-45), нақши ниҳодҳои соҳибкорӣ дар ташаккули муносибатҳои хоҷагидорӣ диққати махсус дода шудааст.

Аз баррасии зербоби дуюми ин боб бар меояд, ки муаллиф таснифоти намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкориро дар шароити муосир дар асоси сохтори соҳавии шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ (саҳ.51), рушди ҳамоҳангшудаи бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.53), соҳибкорӣ дар самтҳи хизматрасонӣ дида баромада, хусусиятҳои онро ҷудо кардааст (саҳ.54), ки боиси дастгирӣ мебошад. Мо натиҷаҳои SWOT–таҳлили афзалият, имконият ва дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ-инноватсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистони (саҳ.56-57) муҳим мешуморем. Ҳамзамон, таснифоти шаклҳою намудҳои соҳибкорӣ, ки аз рӯйи меъёри таъиноти функсионалию доираи фаъолият аз тарафи муаллиф (саҳ.63) пешниҳод шудааст ба мавриди мешуморем.

Мо ақидаи муаллифро нисбати оне, ки дар табиати соҳибкории муҳити беруна сатҳи рушди минтақаҳои алоҳидаи кишвар таъмин гардида, имконият ва иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ташаккул меёбанд, ҷонибдорӣ менамоем. Бояд қайд намуд, ки баланд бардоштани самараи иқтисодӣ ва молиявии

фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили муҳити дурусти ҳамгирой дар доираи меъёрҳои мавҷуда ва воқеан таъсиррасон буда, бевосита равишҳои нави идоракунӣ, аз он ҷумла, рафтори девиантии соҳибкории истеҳсолиро дар шароити иқтисоди бозорӣ дар бар мегирад.

Дар зербоби охирини боби аввал равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти арзёбии ақидаҳои олимони ватанӣ дар сатҳи зарурӣ дида баромада шудааст. Муаллиф дар он ақидааст, ки танҳо дар асоси омӯзиши равишҳои дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он метавонад барои ҳалли масъалаи рушди он бо назардошти мутобиқшавӣ ва дастгирии давлатӣ имконият диҳад ва афзалияти бештар дошта бошад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд»-и иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ. 95-144) номгузорӣ гардидааст, аз ҷониби докторант асосҳои назариявии паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ омӯхта шуда, методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ таҳия карда шуда, афзалиятҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Дар асоси омӯзиши миқдори зиёди адабиёти тахассусӣ дар зербоби аввали боби дуюм асосҳои назариявии паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ аз тарафи муаллиф дида баромада шудааст, ки мо ин равандро дуруст меҳисобем. Арзёбии раванди коҳиши муназзами рафтори девиантии соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади афзоиши босуръати рушду тараққиёти саноат ҳамчунин, бо мақсади ҳалли вазифаҳои стратегии рушди кишвар ба маврид буда гуруҳбандӣ (саҳ.107) хело ҷолиб анҷом дода шудааст. Ҳамзамон, масъалаи дигари муҳим, ки ҳалли он бояд ба паст кардани рафтори девиантии фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шавад, ин татбиқи сиёсати самараноки идоракунии давлатии андозбандӣ мебошад (саҳ.108) дорои аҳаммият мебошад. Аз тарафи дигар низоми тайёр кардани кадрҳои муосири болаёқатро барои институтҳои соҳибкорӣ муаллиф хело муҳим мешуморад.

Ҷойи муносибро дар зербоби дуюми ин боб методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ (саҳ.111-124), ки хело ҷолиб пешниҳод гардидааст, ишғол менамояд. Аз тарафи дигар дар ин зербоби рисола афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ (саҳ.115) ва самтҳои афзалиятноки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.118), матритсаи

тасниф барои муайян кардани афзалиятҳои рушди онҳо дар иқтисоди миллӣ (саҳ.122), ки аз тарафи муаллиф пешниҳод шудаанд, дастгирӣ менамоем.

Дар зербоби охири боби дуюм афзалиятҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкории истеҳсолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.125-144) дар шароити муосир хело назаррас, дар асоси таснифоти пурра, таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатии гуногун аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо (саҳ.134-138) муайян ва арзёбӣ шудааст.

Муаллифи кори илмӣ дар боби сеюми диссертатсия «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди афзалиятноки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат» (саҳ. 145-203) таҳлили рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноати кишвар дар доираи саноатикунонии босуръатро гузаронида, афзалиятҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор кардааст. Афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати ҳамгироии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ҳамзамон, муаллифи рисола дар доираи зербоби аввали ин боб таҳлили рушди соҳибкориро дар соҳаи саноати кишвар дар доираи саноатикунонии босуръат дар асоси арзёбии динамикаи баъзе аз нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи саноатӣ (саҳ.147), динамикаи ҳаҷми истеҳсол ва суръати афзоиши бахшҳои саноат (саҳ.148) ва сохтори онҳо (саҳ.149), суръати афзоиш ва ҳиссаи минтақаҳои кишвар дар ҳаҷми умумии саноати кишвар (саҳ.150), ҳаҷм ва суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи бахшҳои асосии саноат (саҳ.151), сохтори саноат аз рӯйи бахшҳои асосӣ (саҳ.153), ҳаҷм ва вазни таносуби минтақаҳо дар сохтори саноат (саҳ.155-156), таснифоти соҳаҳо аз руйи дараҷаи технологӣ (саҳ.158-160), таҳқиқи хусусиятҳои марҳилаҳои рушди саноатии кишвар (саҳ.165), сохтори ММД-и Тоҷикистон аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ (саҳ.168), баъзе нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.169) ва нишондиҳандаҳои муқоисавии байналмилалии рушди саноати Тоҷикистон (саҳ 170-171) дар сатҳи зарурӣ дида баромада, хулосаҳои назаррас пешниҳод кардааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм афзалиятҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело хуб муайян карда шудаанд, ки мо дастгирӣ менамоем. Аз нуқтаи назари мо, рушди соҳаҳои меҳнатталаб ва сохторҳои муҳими дигари соҳаи саноат бояд тақвият дода шуда, имкониятҳои нави металургию мошинсозӣ мавриди истифода қарор гирифта, равандҳои механизатсия ва электрификатсияи иқтисоди миллӣ мавриди истифода ва татбиқ гарданд.

Дар зербоби охирини боби сеюм афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати ҳамгироии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар кишвар раванди содироти маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тақвият додашуда аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурда шаванд.

Аз тарафи дигар мо пешниҳоди муаллифро нисбати оне, ки маҳз корхонаҳои миёна, ки истеҳсоли нассоҷӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои амали шудани сиёсати интегралии самти содирот ва ивазкунии воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро доранд, саривақтӣ мешуморем. Ҳамзамон, механизми индикативии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бояд дар дастгирии корхонаҳои миёна нақши муҳим дошта, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, таҳқиқ ва фаъолиятро дар бозорҳои байналмилалиро таъмин намояд.

Дар боби чоруми диссертатсия "Вазъи кунунӣ ва мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ. 204-250) масъалаҳои махсусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ дида баромада шуда, дигаргунсозиҳои бозории муносибатҳои аграрӣ ҳамчун омили рушди соҳибкорӣ дар комплекси агросаноатии Тоҷикистон мавриди омузиш қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки махсусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурӣ дониста мешавад. Дар ин раванд инчунин, арзёбии сохтори шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (саҳ.208), нишондиҳандаҳои асосии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон (саҳ.209), ҳаҷми истеҳсоли навъҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ дар гурӯҳҳои гуногуни хоҷагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 2010), истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар тамоми гурӯҳҳои хоҷагиҳо (саҳ.211-212), вазни нисбии бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҷумҳурӣ (саҳ.213), вазни нисбии бахшҳои мухталифи хоҷагидорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ (саҳ.214), таркиби маҷмуи маҳсулоти растанипарварӣ, чорводорӣ ва хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.215) мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки натиҷаҳои назаррас мебошанд.

Дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки фаъолияти самарабахши КАС равиши комплексиро ба рушди соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ дар деҳот, иҷрои кооператсия ва ҳамгироиро на танҳо байни худ, балки бо корхонаҳои кишоварзӣ, коркард ва дигар корхонаву

ташкилот, рушди соҳаи иҷтимоиёти деҳот ва тавсеаи бозори меҳнатро аз ҳисоби навъҳои ғайрикишоварзии фаъолият тақозо менамоянд. Аз ин ру ба ин масъала бояд диққати асосӣ дода шавад.

Аз тарафи дигар дар зербоби дуюми ин боб дигаргунсозиҳои бозории муносибатҳои аграрӣ, ки ҳамчун омили рушди соҳибкорӣ дар КАС- и Тоҷикистон (саҳ.228-250) дида баромада шудааст, ба пуррагӣ дастгирӣ менамоем. Ҳамзамон, дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ роҳҳои таъмин ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир (саҳ.241), масъалаҳои сармоягузориҳои қарзии бонкҳои Тоҷикистон ба хоҷагии қишлоқ (саҳ.242-243), ҳиссаи соҳаи саноат ва кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (саҳ.245) арзёбӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои шахсии ёрирасон, кооперативҳои кишоварзӣ, агрофирмаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, корхонаҳои иҷора, муштарак ва ғайра дар шароити бозор бояд ҳамчун шакли соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ нақши калидиро бозанд, аммо афзалиятҳои рушди онҳо бояд пеш аз ҳама барои ҳалли ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ва истеҳсоли инноватсионӣ равона карда шавад.

Боби панҷум «Афзалиятҳои стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.251-294) ба таҳқиқи кластеризатсия ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ бахшида шуда, рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ дониста, сармоягузорӣ ба иқтисоди «сабз» ҳамчун афзалияти стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида шудааст.

Дар зербоби аввали ин боб муаллиф кластеризатсияро ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ (саҳ.251-265) дида баромадаст. Ҳамзамон, диққати асосӣ ба арзёбии кластерҳои коркарди пахтаи хом то маҳсулоти тайёр (саҳ.262), пешгӯйӣ ва тағйироти миқёси истеҳсоли нахи пахта, ришта ва матоъ тавассути ташкили кластерии соҳибкории истеҳсолӣ (саҳ.263), ҷамъоварии умумии пахтаи хом бо ҳосилнокии 30 сентнер/га ҳангоми васеъ кардани соҳибкории истеҳсолӣ дар ноҳияҳои иловагии кишвар (саҳ.264), инчунин, пешгӯйии истеҳсоли нахи пахта, ришта ва матоъ ҳангоми васеъкунии соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои иловагии кишвар (саҳ.265) дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонида шудааст.

Зербоби дуюми ин боб ба рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси консепсияҳои

назариявии иқтисоди рақамӣ (саҳ.266-267), арзёбии бартарият ва афзалиятҳои рақамикунонии истеҳсолот дар муҳити имрӯзаи иқтисодӣ (саҳ.268), самтҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ (саҳ.272-274) бахшида шудааст, боиси дастгирӣ мебошад. Ҳамзамон, пешниҳоди муаллифро ҷиҳати дастгирии ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи соҳибкории истеҳсолиро саривақтӣ ва зарурати истифодаи технологияҳои рақамиро барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, беҳтар кардани сифат, оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ нишон медиҳанд, ҷонибдорӣ менамоем.

Дар зербоби сеюми ин боб таҳлили сармоягузорӣ ба иқтисоди «сабз» ҳамчун афзалияти стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.282-294) дар асоси арзёбии равандҳои муосир ба анҷом расонида шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо (саҳ. 295-309) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд.

Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию амалӣ муайян карда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

Эрод ва тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

1. Дар боби аввал (саҳ.24-94) муаллиф асосҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми бозории хоҷагидориро дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Агар ҷиҳати такмили рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса ба таҷрибаи хориҷӣ муаллиф маълумоти бештар медод, фикр мекунем сифати кори диссертатсионӣ боз ҳам ғанитар мегардид.

2. Дар зербоби 2.2 (саҳ.111-124) таҳқиқи методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ ба анҷом расонида шудааст. Вале, баъзе заминаҳои ин методология ва таъсири онҳо ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо назардошти маблағҳои ҷудошудаи буҷетию ғайрибуҷетӣ дар шароити муосир пурра мавриди арзёбӣ қарор нагирифтааст.

3. Зербоби 3.3 (саҳ.184-203) ба баррасии афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати ҳамгироии (интегралии) ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, дар мисоли саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мутассифона дар ин зербоб нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ, нисбати интихоби омилҳои таъсиррасон, тавзеҳоти қонунгузорӣ, риояи талаботи стандарҳои байналмилалӣ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

4. Зербоби 4.2 (саҳ.228-250) диссертатсия ба арзёбии дигаргунсозиҳои бозории муносибатҳои аграрӣ, ҳамчун омили рушди соҳибкорӣ дар КАС- и Тоҷикистон бахшида шудааст. Мутаассифона, пешниҳоди мушаххас нисбати арзёбии рушди соҳибкориӣ дар комплекси агросаноатӣ дар қаламрави кишвар ва минтақаҳои он ба тариқи пурра амали нашудааст.

5. Дар зербоби 5.2 (саҳ.266-281) рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ натиҷагирӣ шудааст. Аммо, ҳисобҳо нисбати ояндабинии рушди рақобаттавонии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ пешниҳод нашудааст.

6. Дар диссертатсия баъзе норасоиҳои грамматикӣ, услубӣ ва орфогафӣ ҷой доранд, инчунин, баъзе аз мафҳумҳо ба тариқи пурра кушода нашуда, арзёбӣ гардидаанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои қайдшуда сифат ва аҳаммияти илмию амалии диссертатсияро паст намекунад ва онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Хулоса

Таҳқиқоти диссертатсионии Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти муосири Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31 ва 33–и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591, тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Субҳонзода Икром Субҳон барои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.10. - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
профессори кафедраи фаъолияти
гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ и СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

«02» ноября 2026

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½. http://www.tguk.tj. E-mail: drrajab @mail.ru, тел: +992 934444107.